# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2026, №16
Барои сазовор донистани Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич, ки дар мавзӯи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсия-ҳо, воситаҳо ва самаранокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№27 аз 25.04.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич, 04.10.1989 таваллуд шудааст. Шаҳрванди Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Соли 2012 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси «Фаъолияти бонкӣ» хатм намуда, соҳиби касби иқтисодчӣ гардидааст.

Номбурда аз соли 2020 то 2024 ба ҳайси тадқиқотчӣ-унвонҷӯ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) фаъолият намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз 01 сентябри соли 2012 ҳамчун ассистент-омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат оғоз намуда, аз соли 2019 то инҷониб ҳамчун омӯзгори калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Мавзӯи диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 29.10.2020 (№4/6.12) тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ - Каримов Баҳодур Ҳасанович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон интихоб ва тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар ҷаласаи кушоди кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25.11.2025, суратҷаласаи №4) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – д.и.и., профессори кафедраи идораи молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Наврӯз Носирӣ – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи маркетинг, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди такриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос Ғуломов Хуршед Ҳалимович, н.и.и., дотсенти ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи маркетинг ва агробизнеси муассисаи мазкур (аз 29.05.2026, суратҷаласаи №10) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Файзов Н.З. дар мавзӯи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва

муаллифи он Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 16 интишори илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

***дар нашрияҳои тақризшаванда:***

1. Файзов, Н.З. Ҷанбаҳои консептуалии инноватсияҳои бонкӣ ва рақамикунонии соҳаи бонкӣ дар шароити муосир [Матн] / Н.З. Файзов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. - № 4-2 (34). – С. 73-79

2. Файзов, Н.З. Баъзе масъалаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ ва усулҳои танзими он [Матн] / Н.З. Файзов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - № 1 (45). – С. 249-256

3. Файзов, Н.З. Такмили механизмҳои молиявӣ-қарзӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёт [Матн] / Н.З. Файзов, Н.С. Ибодов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 3 (58). – С. 357-363

4. Файзов, Н.З. Ҷанбаҳои консептуалии омӯзиш ва рушди маркетинги бонкӣ дар шароити инноватсионӣ [Матн] / Н.З. Файзов, Н.С. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – № 5. – С. 192-201

5. Файзов, Н.З. Табдили рақамии маркетинги бонкӣ: амсилаҳои ташкилӣ ва воситаҳои идоракунӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Н.З. Файзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. - № 6. – С. 201-211

6. Файзов, Н.З. Маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва мушкилоти рушд [Матн] / Н.З. Файзов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. - № 3 (74) - С. 275-284

***дар дигар нашрияҳо:***

7. Файзов, Н.З. Татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонии соҳаи бонкӣ дар замони муосир [Матн] / Н.З. Файзов // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конф. илмӣ-амалии байн. (Душанбе, 25.11.2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. - С. 214-218

8. Файзов, Н.З. Управление маркетинговой деятельностью в коммерческих банках РТ: проблемы перспективы [Текст] / Н.З. Файзов // Таджикистан – инициатор решения проблем водных ресурсов, климата и защиты ледников. Мат-лы межд. научно-практ. конф. (Душанбе, 28.04.2023). – Душанбе: МУТПТ, 2023. – С. 353-356

9. Файзов, Н.З. Маркетинговые исследования в банковской сфере Республики Таджикистан: методология и практика в условиях нестабильности [Текст] / Н.З. Файзов // Цифровая экономика и новые возможности для бизнеса: сборник статей III Межд. научно-практ. конф. (г. Пенза, 25.06.2025). – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2025. – С. 34-38

10. Файзов, Н.З. Анализ поведения потребителей банковских услуг в цифровой среде [Текст] / Н.З. Файзов // Наука XXI века: вызовы, становление, развитие. Сборник статей XXIII Межд. научно-практ. конф. (г Петрозаводск, 30.06.2025). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2025. – С. 178-184

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

*1) аз номи д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов М.С. бо чунин эродҳо:*

- бо мақсади ҳалли муфассали вазифаҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузошташуда хуб мешуд агар муаллиф таҷрибаи хориҷии рушди маркетинги бонкии рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар истифода менамуд ва онро бо таҷрибаи ватанӣ муқоиса менамуд;

- дар боби дуюми диссертатсия, ки ба таҳлили вазъ ва арзёбии самаранокии маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, хуб мешуд агар муаллиф дар автореферат оид ба самти мазкур маълумоти нисбатан пурратар ҷой медод.

*2) аз номи н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Мирзозода Воҳид Мирзо бо чунин эродҳо:*

- агар муаллиф маълумотҳои омориро зиёдтар истифода мебурд сифати кор хубтар мешуд;

- сифати кор хеле бурд мекард, агар дар таҳқиқот таҷрибаи хориҷӣ мубтадил ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардид.

*3) аз номи н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав Раҳимов Пайрав бо чунин эродҳо:*

- агар муаллиф таҷрибаи муқоисавии кишварҳои пешсафро дар самти маркетинги бонкии рақамӣ васеътар таҳлил менамуд сифати кор хубтар мешуд;

- сифати кор хубтар мегардид агар муаллиф таъсири технологияҳои нав, аз қабили зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Big Data)-ро ба рушди маркетинги бонкӣ муфассалтар арзёбӣ менамуд.

*4) аз номи д.и.и., мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ Давлатзода Меҳроҷ Хайриддин бо чунин эродҳо:*

- дар таҳқиқот нишондиҳандаҳои муқоисавии фаъолияти маркетинги рақамии бонкҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ таҳлил карда нашудаанд. Агар муаллиф самаранокии воситаҳои маркетинги рақамиро дар байни бонкҳои пешсафи кишвар дар асоси нишондиҳандаҳои мушаххас (шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ, сатҳи ҷалби муштариён, ҳаҷми амалиётҳои онлайн ва ғайра) муқоиса менамуд, арзиши таҳлилии кор боз ҳам баландтар мегардид;

- дар қисмати арзёбии самаранокии маркетинги бонкии рақамӣ таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ ба сатҳи истифодаи хизматрасониҳои

рақамӣ аз ҷониби аҳолӣ ба таври амиқ баррасӣ нашудааст. Таҳлили фарқиятҳои истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ вобаста ба синну сол, сатҳи саводнокии рақамӣ ва минтақаҳои истиқомат метавонист барои асоснок намудани хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда мусоидати бештар намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич ба яке аз масъалаҳои мубрами рушди низоми молиявӣ ва бонкдории муосир бахшида шуда, ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, густариши хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва афзоиши рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ масъалаи такмили маркетинги рақамӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб намудааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:

**- таҳия шудаанд:**

- асосҳои назариявӣ ва консептуалии рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- модели муосири идоракунии маркетинги рақамии бонкӣ бо дарназардошти хусусиятҳои бозори хизматрасониҳои молиявии кишвар;
- низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии маркетинги рақамӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

**- пешниҳод шудааст:**

- механизми такмили фаъолияти маркетингии бонкҳо дар асоси технологияҳои рақамӣ, таҳлили додаҳои калон (Big Data), муносибатҳои рақамӣ бо мизоҷон ва платформаҳои муосири коммуникатсионӣ;
- тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи ҷалб ва нигоҳдории муштариён тавассути воситаҳои маркетинги рақамӣ;
- самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои бонкии рақамӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ.

**- исбот шудааст:**

- нақши калидии маркетинги рақамӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ;
- вобастагии байни сатҳи рақамикунонии фаъолияти маркетингии бонкҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти онҳо;
- зарурати ташаккули стратегияи ягонаи маркетинги рақамӣ барои рушди устувори хизматрасониҳои бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

**- исбот шудаанд:**

• мукаррароти илмӣ оид ба рушд ва такмили маркетинги бонкии рақамӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ;

• зарурати мутобиқсозии консепсияҳои классикии маркетинг ба шароити фаъолияти рақамии ташкилотҳои қарзӣ.

**- самаранок истифода шудаанд:**

• усулҳои таҳлили иқтисодӣ, маркетингӣ, оморӣ, муқоисавӣ ва системавӣ;

• назарияҳои муосири маркетинг, маркетинги рақамӣ, маркетинги хизматрасонӣ ва идоракунии муносибат бо мизоҷон (CRM), ки имкони ба даст овардани натиҷаҳои нави илмиро фароҳам овардаанд.

**- аниқ карда шудаанд:**

• хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинги рақамӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии фаъолияти маркетингии бонкҳо дар муҳити рақамӣ.

**- баррасӣ шудаанд:**

• таҷрибаи байналмилалии рушди маркетинги бонкии рақамӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар кишвар.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ мегардад, ки:

**- таҳия шудаанд:**

• тавсияҳои амалӣ оид ба рушди маркетинги рақамӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• пешниҳодҳо ҷиҳати такмили сиёсати маркетингии бонкҳо дар шароити рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ.

**- муайян шудаанд:**

• самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва воситаҳои муосири пешбурди онҳо дар бозор;

• роҳҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва қаноатмандии муштариён тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ.

**- таҳия шудааст:**

• модели амалии баҳодиҳии самаранокии маркетинги рақамӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;

• низоми нишондиҳандаҳои мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти маркетингии рақамӣ.

**- пешниҳод шудаанд:**

• тавсияҳои методӣ барои истифода дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

- пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:

- **назарияи таҳқиқот** дар заминаи дастовардҳои илмии иқтисодиёт, маркетинг, маркетинги рақамӣ, иқтисоди рақамӣ ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бунёд гардидааст.

- **ғояи таҳқиқот** ба таҳлили маълумоти омории расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ, маводи ташкилотҳои байналмилалӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили муаллиф асос ёфтааст.

- усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ ва маркетингӣ **истифода шудаанд**, ки эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки:**

- ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мустақилона муайян ва асоснок карда шудаанд;
- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст;
- пешниҳодҳои илмӣ ва амалии вобаста ба рушди маркетинги рақамии бонкӣ таҳия гардидаанд;
- модели арзёбии самаранокии маркетинги рақамӣ ва тавсияҳои татбиқии он пешниҳод шудаанд;
- хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 30 июни соли 2026 қарори сазовор донистани Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**